# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гушаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ)**

Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин ба таҳқиқи махсусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии матолиби гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр”-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд”) бахшида шудааст.

Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки таҳқиқи махсусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи “Анбӯр” дар шинохти манзараи умумии густариши ҳаҷви публитсистии тоҷик дар як марҳилаи муҳимми таърихӣ, арзишнок ва судманд буда метавонад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки матолиби гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр”-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод” дар қолаби кори диссертатсионӣ бори аввал таҳқиқ шудааст. Дар ин пажуҳиш матолиби гӯшаи мазкур дар як марҳалаи муайян омӯхта шуда, аз ҳамин нигоҳ мавқеи нашрия дар рушду ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ муайян гардидааст. Таҳқиқ барои пурра ва ҳаматарафа омӯхтани омилҳои пайдоиш ва хусусиятҳои мундариҷавию жанрии ин гӯшаи ҳаҷвӣ мусоидат мекунад.

Дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки масъалаи анвои ҳаҷвӣ ва хусусиятҳои он муаллифро водор кардааст, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқро дар алоқамандӣ бо ҷараёни таҳаввули публитсистикаи ҳаҷвии муосири тоҷик баррасӣ карда, вежагиҳои маводди гӯшаи «Анбӯр”-ро муайян кунад.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии публитсистикаи ҳаҷвӣ ва

нозукиҳои шакли пешниҳод дар анвои ҳаҷвии журналистикаи муосири тоҷик метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ барои таҳияи курсҳои махсус оид ба журналистикаи ҳаҷвӣ, шинохти шаклу анвои ҳаҷв дар матбуот ва интернет-расонаҳо, инчунин таҳқиқоти минбаъдаи публитсистикаи ҳаҷвӣ ва навиштани диссертатсияву корҳои илмии унвонҷӯён мавод дода метавонад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсияи анҷомёфта дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 8 мақола, ки 3-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро мегиранд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-й Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад, ки ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва

арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гушаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гушаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

– **Маъмурзода Носирҷон Маъмур** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сармуҳаррири рӯзномаи «Хатлон».

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Бозорзода Н.Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Ҳасанова Т.Ғ.

номзади илмҳои филологӣ,
муовини сармуҳаррири Нашрияи
рӯзномаи «Омӯзгор» Охунзода Н.

«15» июни соли 2026.